**_ТАҚРИЗ_**

***ба автореферати диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.***

Абуисмоил Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-88) аз зумраи шоирон ва нависандагони мутасаввифи форс-тоҷик аст, ки мутаассифона, рӯзгору осори ӯ, махсусан ҳунари шоириаш ба таври шоиста мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Баррасӣ, таҳлилу ташхиси фаъолияти адабии фаррехтагони илму адаби тоҷик, аз зумраи масъулиятҳои сангинест, ки дар назди муҳаққиқони миллию ватанӣ қарор мегирад. Аз ҷумлаи чунин таҳқиқот диссертатсияи Искандари Ориф «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» мебошад, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ навишта шудааст.

Пардохтан ба баррасии осори Абдуллоҳи Ансорӣ аз буъдҳои гуногун, пеш аз ҳама, аз муҳаққиқ савияи баланди донишро талаб мекунад. Муҳаққиқ Искандари Ориф ба тадқиқи ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ пардохта, хулосаҳои мувассақи илмиро манзур менамояд.

Диссертатсияи Искандари Ориф ба рӯзгору осори намояндаи адабиёти форсии тоҷикӣ бахшида шудааст, ки ин кори муҳаққиқ дар адабиётшиносии замони нав саҳифаи тозаеро боз менамояд.

Муҳаққиқ мавзуи диссертатсияро ба 3 бобу 6 фасл ва 9 зерфасл ҷудо карда, дар доираи фаҳму даркаш бо як низоми муайян ва пай дар пай масъалҳои интихобкардаро пажӯҳиш кардааст. Мавсуф марҷаъ ва сарчашмаҳои камёфтро таҳлил карда, ашъори ба шоир тааллуқдоштаро барқарор кардааст. Автореферати диссертатсия ба забони одии фасеҳ таълиф гардида, муҳокимаю таҳлил ва натиҷагириҳояш дар таҳқиқи мавзуъ саҳеҳанд. Мақолаҳои нашркардаи муҳаққиқ муҳтавои диссертатсияиро бозгӯ

менамоянд. Аз баррасии автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки он кори анҷомёфтаи илмӣ буда, дар мавзуи ҳунар ва шинохти шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ дар Тоҷикистон иқдоми нахустин аст. Сохтор ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, он мундариҷаи тадқиқоти илмиро бозгӯӣ мекунад.

Баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе норасоӣ ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар матни автореферат (саҳ. 6), баъзе калимот зиёд истифода шудааст. Мас. калимаи перомун ва ҷанба. Муҳаққиқ метавонист аз муродифоти ин калимаҳо истифода кунад.

2. Дар муқаддима масоили таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда характери умумӣ гирифтаанд.

3. Хатои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ низ дар баъзе саҳифаҳои фишурда аён гашт, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб аст. Мас. калимаи пажӯҳиш як бор бо ӯ-и дароз, бори дигар бо у-и одӣ.

Нақсҳое, ки иброз доштем ба муҳтавои умумии диссертатсия халал ворид намекунад ва дар маҷмуъ, ислоҳпазир мебошанд. Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия Искандари Ориф «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ навгониҳо, бартариҳо ва дастовардҳои хуби илмӣ дорад.

Автореферати диссертатсияи Искандари Ориф «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ моҳияти мавзуи тадқиқшаванда, ҳадафу вазифаҳои муайяни тадқиқот, дастрасӣ ба маводди таҳқиқшаванда, шеваи тадқиқ, аҳаммияти назариву амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо навгониҳо ва натиҷагириҳо кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10 .01.01- Адабиёти тоҷик

мувофиқ аст ва муаллиф сазовор ба дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Номзади илми филология, и.в.дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Зулфиев Г.Н.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
Тел: (+992) 918-90-63-65.
E-mail: mr.zulfiev.88@mail.ru

Имзои Зулфиев Г.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
Тел: (+992-33-22) 2-35-06.
E-mail: info@kgu.tj

18.12.2024.